*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050603– Иқтисодиёти ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

Автореферати диссертатсияи Давлатзода Дилшод Шералӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба яке аз масъалаҳои муҳими рушди иқтисоди миллӣ бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди иқтисодӣ ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили калидии таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар баррасӣ мегардад. Муаллиф дар кори худ асосҳои назариявӣ ва амалии ҷалби сармоягузории хориҷиро таҳлил намуда, моҳият ва нақши онро дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ асоснок мекунад. Таваҷҷуҳи махсус ба вазъи сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон зоҳир гардида, имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои иқтисодии минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар автореферат нишон дода мешавад, ки вилояти Хатлон дорои иқтидори назарраси аграрӣ, саноатӣ ва захираҳои табиӣ мебошад, ки метавонанд барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд. Ҳамзамон, муаллиф омилҳои боздоранда, аз ҷумла мушкилоти инфрасохторӣ, маҳдудиятҳои молиявӣ ва баъзе монеаҳои маъмуриро таҳлил кардааст. Бо такя ба таҳлилҳои оморӣ ва иқтисодӣ, сатҳ ва динамикаи воридшавии сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар ва минтақа арзёбӣ гардидааст.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои такмили раванди ҷалби сармоягузорӣ зарур аст заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ такмил дода шуда, фазои сармоягузорӣ беҳтар карда шавад. Инчунин, баланд бардоштани шаффофият, рушди инфрасохтор ва тақвияти ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян шудаанд. Дар таҳқиқот таҷрибаи кишварҳои пешрафта низ мавриди муқоиса қарор гирифта, имконияти татбиқи унсурҳои мусбати он дар шароити Тоҷикистон баррасӣ шудааст.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ истифода шаванд. Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ равона гардидаанд. Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдода саҳми назаррас дар омӯзиши хусусиятҳои ҷалби сармоягузории

хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар вилояти Хатлон, ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, дар сурати таваҷҷуҳи муаллиф ба як қатор нуктаҳои ҷудогона, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам баландтар менамуд. Вобаста ба ин, баъзе эродҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 11-и автореферат (ҷадвали 1) сохтори мавқеи сармоягузории хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ин бахш муҳтавои ҳар як зерсохтори пешниҳодшуда ба таври мухтасар шарҳ дода мешуд, то мантиқи фаъолияти онҳо равшантар инъикос гардад.
2. Дар ҷадвали 4 (саҳ. 17) нишондиҳандаҳои истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2015-2023мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, ба назари мо, агар муаллиф тамоюли тағйирёбии ин нишондиҳандаҳоро дар робита бо ҳаҷм ва динамикаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ низ бо шарҳи матнӣ таҳлил менамуд, арзиши илмӣ ва таҳлилии бахш боз ҳам баландтар мегардид.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 ва дигар муқаррароти Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Давлатзода Дилшод Шералӣ барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050603 - Иқтисодиёти ҳудудӣ) арзанда мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсент мудири шуъбаи
иқтисоди сабз ва рушди устувори
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Юнусзода Х.Қ.

Имзои Юнусзода Х.Қ.-ро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Махсутшоева З.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, кӯчаи Мирзо Ризо 6А. Почтаи эл.: info@ied.tj, Тел: +992 (37) 221-67-50; +992 (37) 221-57-65, Факс: +992 (37) 221-67-50